# СЕМИНАРИ ОМӮЗИШӢ БАРОИ КОРМАНДОНИ САБТИ АСНОДИ ҲОЛАТИ ШАҲРВАНДӢ ДОИР БА ТАТБИҚИ «ФЕҲРИСТИ НОМҲОИ МИЛЛИИ ТОҶИКӢ»

Ношир: Ҳайати тадорукот Санаи интишор: 12 Декабр, 2019 - 19:20 СЕМИНАРИ ОМӮЗИШӢ БАРОИ КОРМАНДОНИ САБТИ АСНОДИ ҲОЛАТИ ШАҲРВАНДӢ ДОИР БА ТАТБИҚИ «ФЕҲРИСТИ НОМҲОИ МИЛЛИИ ТОҶИКӢ»

Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси банди 20-и Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҷамъбасти натиҷаҳои рушди иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2018 ва вазифаҳо барои соли 2019» аз 30-юми январи соли 2019, №39, супориши Роҳбари Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24.09.2019, №252369/26.2 ва суханронии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ки зимни мулоқот бо намояндагони аҳли зиё, маориф, илм, адаб ва фарҳанг ба муносибати Рӯзи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон 4-уми октябри соли 2019 баён намуданд, ҷиҳати иҷрои муқарраротИ Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Феҳристи номҳои миллии тоҷикӣ» бо иштироки мудирон ва коргузорони бахшҳои Сабти асноди ҳолати шаҳрвандии шаҳру ноҳияҳои вилояти Хатлон, шаҳру ноҳияҳои тобеи марказ ва ноҳияҳои шаҳри Душанбе рӯзи 12-уми декабр, соати 09:00 дар толори Академияи воситаҳои ахбори оммаи Ҷумҳурии Тоҷикистон семинари омӯзишӣ ва озмуни «Хаттоти беҳтарин»-ро баргузор намуд. Дар семинари мазкур намояндагони Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон, Маркази миллии қонунгузорӣ, муовини раис, сардори шуъбаи танзими истилоҳот ва мудири бахши экспертизаи забоншиносӣ оид ба бартараф намудани мушкилоти бахшҳои Сабти асноди ҳолати шаҳрвандии шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ маърӯза намуданд.
Дар анҷоми маърӯзаҳо ҳама гуна мушкилот дар самти баррасии масъалаҳои марбут ба фаъолияти САҲШ муҳокима гардида, иштироккунандагон оид ба мушкилоти худ посухҳои мушаххас гирифтанд.
Қобили зикр аст, ки дар бахши ҷамъбастии озмуни «Хаттоти беҳтарин» ҷойҳои 1,2 ва 3 ба онҳое дода шуд, ки баҳои аъло ва хуб гирифтанд.

**Баҳодиҳии муҳтаво:** 5

Баҳои миёна: 5 (2 овоз)

Rate

## Категория:

- Конференсияҳо [1]
- Кумитаи забон [2]

---

**Манбаъ::**http://kumitaizabon.tj/tg/content/seminari-omuzishi-baroi-kormandoni-sabti-asnodi-kholati-shakhrvandi-doir-ba-tatbiki?mini=2025-08

**Пайвандҳо**
[1] http://kumitaizabon.tj/tg/category/%D0%BA%D0%BE%D0%BD%D1%84%D0%B5%D1%80%D0%B5%D0%BD%D1%81%D0%B8%D1%8F%D2%B3%D0%BE [2] http://kumitaizabon.tj/tg/category/%D0%BA%D1%83%D0%BC%D0%B8%D1%82%D0%B0%D0%B8-%D0%B7%D0%B0%D0%B1%D0%BE%D0%BD